Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA – 017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 44)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Изатуллои Ҳабибзод дар мавзуи "Самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ", ки барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003- Амнияти иқтисодӣ) пешбинӣ шудааст.**

Бояд қайд кард, ки имрӯз шумораи бештари таҳаввулоти бунёдии илмӣ ба амнияти иқтисодии давлат, ҷомеа ва шахсият бахшида шудааст. Дар баробари ин амалан таъмини амнияти иқтисодии давлат бевосита бо таъмини амнияти молиявии он вобастагии зич дорад. Яъне таъмини амнияти иқтисодии давлат бидуни таъмин намудани амнияти молиявии он ғайриимкон мебошад. Бинобар ин сабаб таҳқиқи масъалаи мазкур мубрам ба шумор рафта, таҳлил ва пешниҳоди хулосаҳои мушаххас талаботи замон ҳисобида мешавад.

Дар автореферати диссертатсия низ ба ҳалли масъалаи мазкур таваҷҷуҳи дақиқ дода шудааст ва муаллиф қайд менамояд, ки "Амнияти молиявӣ ҳамчун қисми муҳимми амнияти иқтисодӣ, татбиқи сиёсати баэътидоловарандаи хуб тарҳрези шударо тақозо менамояд, ки ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини суботи молиявӣ ва рақобатпазирии институтҳои молиявии ватанӣ равона карда шудааст."

Бояд зикр намуд, ки натиҷаҳои илмӣ, ки зимни таҳқиқот ба даст оварда шудаанд, аз коркарди асосҳои назариявӣ ва амалии самтҳо, усулҳо ва равишҳои асосии устуворгардони амнияти молиявӣ иборат мебошад.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳодҳое, ки дар доираи таҳқиқот аз ҷониби муаллиф пешкаш карда шудааст, алалхусус, барои беҳдошти соҳаи мазкур, аз ҷумла барои устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ боиси қабул шуморида мешавад.

Дар автореферат муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки моҳияти омӯзиши ҷанбаҳои назариявию амалии бадастовардаи олимон ва коршиносони хориҷию ватаниро оид ба таъмини амнияти молиявӣ мавриди омӯзиш қарор додааст.

Инчунин дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф диққати махсус ба таҳқиқи самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, ки дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда нақшаи зернизоми амнияти молиявии кишвар пешниҳод карда шудааст,

ки аз ҳафт зернизом иборат буда, ҳар як зернизом дар кадом самт амалӣ мегардад, таснифоти пурра дода шудааст.

Аз ин рӯ метавон чунин хулоса баровард, ки таҳқиқоти диссертатсионии Изатуллои Ҳабибзод аҳамияти амалӣ дошта, аҳамияти амалии он дар имконияти истифодашавандагӣ натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта ва таъмини амнияти молиявии кишвар дар шароити ҷаҳонишавӣ зоҳир мегардад.

Хулосаю тавсияҳое, ки аз ҷониби муаллиф дар рафти таҳқиқот пешниҳод карда шудааст барои беҳтар намудани амнияти молиявии мамлакат истифода бурдан мумкин аст. Дар баробари бартариятҳои қайдгардида, дар таҳқиқот баъзе хатогиҳои мубоҳисавӣ ба чашм мерасанд.

Хубтар мешуд, агар дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф дар дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, таҳқиқот ва асарҳои илмии иқтисоддонон ва олимони кишвар бо пуррагӣ зери назар гирифта шуда, пешниҳод мегардид.

Норасогии таъкидшуда арзиши мусбӣ ва умумии кори иҷрогардидаро паст намекунад ва хусусияти тавсиявӣ дорад. Таҳқиқот мавзуи мубрамро дар бар гирифта, вазифаҳои гузошташуда иҷро гардидаанд. Дастовардҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодгардида, хулосаю пешниҳодҳои асоснокшуда эътимодбахш буда, ба талаботҳои тартиби додани дараҷаи илмӣ мувофиқанд.

Аз рӯйи автореферат, кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзӯи “Самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ”, анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои 31 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст ва муаллифи он Изатуллои Ҳабибзод арзандаи дараҷаи доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003- Амнияти иқтисодӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
н.и.и., и.в. дотсент, мудири кафедраи
иқтисод ва идораи ДТТ Шарифзода Ш.Р.

Имзои Шарифзода Ш.Р.-ро тасдиқ мекунам
Мудири ШК ва КМ ДТТ Бухориев Н.А.

МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН · ШУЪБАИ КАДРҲО · ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға донишгоҳ: 734025, ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 63/3, саҳифаи интернетӣ sharipov.sharif@gmail.com Телефон: 234-09-07